# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҳимов Шодмон Давлатович дар мавзуи “Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.09 - сабзавоткорӣ. ш. Душанбе, 2025 с.**

Гузаштан ба муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ, сохтори нави хоҷагидорӣ, ҳамроҳшавии ҷумҳурӣ бо ташкилотҳои умумиҷаҳонии савдо кишоварзон ва сабзавоткоронро вазифадор менамояд, ки бештар маҳсулоти ба талаботи бозори дохилию беруна ҷавобгӯ бударо истеҳсол намоянд. Пиёзи барвақтӣ яке аз маҳулоти асосии соҳаи кишоварзӣ (сабзавоткорӣ) ба ҳсиоб меравад. Онро дар тамоми хӯрокаҳо зербонда ва таври ба хӯрокиҳо ҳамроҳ кардан истифода мебаранд. Инчунин, дар тиб барои тайёр кардани ҳар гуна дорувориҳо, асосан барои табобати касалиҳои вирусӣ ва бактериологӣ ва дигар касалиҳо истифода мебаранд.

Пиёзи барвақтӣ ҳамчун маҳсулоти содиротӣ дар тараққиёти иқтисодии мамлакат ва дар таъмини озуқавории ҷумҳурӣ саҳми беандоза дорад. Унвонҷӯ Раҳимов Шодмон Давлатович корҳои илмии худро оид ба самаранокии истифодабарии нуриҳои минералӣ дар кишти пиёзи баравақтӣ дар водии Вахшии вилояти Хатлон ноҳияи Ҷайҳун, ҷамоати Панҷ х\д Аслам Ғаниев равона карда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гаштааст.

Кори диссертасионии Раҳимов Шодмон Давлатович кори анҷомшудаи илмию тахассусӣ буда, дорои навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои эътимоднок мебошад. Навгонии мавзуи таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки дар асоси омӯзиши ҳамаҷониба истифодаи самараноки нуриҳои минералӣ дар кишти пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш, дар шароиту иқлими ноҳияи Ҷайҳун, х\д Аслам Ғаниев бори аввал гузаронида шуда, муаллиф устувории навъҳо ба касалиҳои асосии замбуруғӣ, дараҷаи осебрасонии ҳашароти зарраррасон, ҳосилнокӣ, таркиби биохимиявии он, самаранокии иқтисодии навъҳои пиёзи барвақтиро дар шароити минтақа амалӣ намудааст.

Аҳамияти тадқиқотҳои илмии муаллиф дар он аст, ки дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ ба истеҳсолот меъёрҳои муайяншудаи истифодаи нуриҳои минералиро дар кишти пиёзи барвақтӣ пешниҳод намудааст.

Раҳимов Шодмон Давлатович дар раванди тадқиқот пешниҳод менамояд, ки бо тавсияи олимони Институти хокшиносӣ ва агрохимияи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои баланд бардоштани ғизонокии хоки қитъаи таҷрибавӣ дар хоҷагии Аслам

Ғаниев-и ноҳияи Ҷайҳун ва самаранок истифодабарии нуриҳои минералӣ бо меъёри 240 кг\га нитроген, 120 кг\га фосфор, 90 кг\га калий ҳамчун моддаи таъсирбахш дар 1 га вобаста ба структураи хоки қитъаи таҷрибавӣ тавсияшаванда мебошад.

Рисолаи илмӣ дорои ҷанбаъҳои баланд ва арзишноки назариявӣ ва амалӣ буда, моҳияти ҳосилнокӣ ва самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои пиёзи барвақтиро вобаста ба шароити минтақаи парвариш инъикос менамояд.

Натиҷаҳои тадқиқот дар интишороти илмӣ инъикоси пурраи худро ёфтаанд. Автореферати диссертатсия мазмуни асосии тадқиқоти гузаронидашударо ифода намуда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Раҳимов Шодмон Давлатович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.09 – сабзавоткорӣ мебошад.

Доктори илмҳои кишоварзӣ,
профессори кафедраи биологияи
умумӣ ва методикаи таълими
биология.

Назарзода Нигора
Нураҳмад

Имзои Н.Н. Назарзода-ро тасдиқ мекунам. Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ

Қодирзода С

"12" 12. 2025 сол

*Суроға:* *734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, тел.: (+992 37) 221- 45-54, www.tpgu, info@tpgu.tj*